# АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
# НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «12» июни соли 2023 № 129 шаҳри Душанбе

Дар бораи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бинобар таҷдид ва такмили вазифаҳои воҳидҳои ва сохторҳои маҳаллӣ, мушаххас намудани уҳдадориҳои мансабии хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатӣ, мувофиқи қисми 2 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо аз 13 майи соли 2022, №384), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 тасдиқ шудааст, Ф А Р М О Н  М Е Д И Ҳ А М:

1.Дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии зерини Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав тасдиқ карда шаванд:

-сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ (замимаи 1);

-муовини сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ (замимаи 2);

-сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ (замимаи 3);

-сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ (замимаи 4);

-мутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ (замимаи 5);

-сардори шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ (замимаи 6);

-муовини сардори шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ (замимаи 7);

-сармутахассиси шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ (замимаи 8);

-мутахассиси пешбари шуъбаи идоракунии захираҳои инсонӣ (замимаи 9);

-сардори шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ (замимаи 10);

-муовини сардори шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ (замимаи 11);

-сармутахассиси шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ (замимаи 12);

-мутахассиси пешбари шуъбаи ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ (замимаи 13);

-сардори шуъбаи ташкилию иттилоотӣ (замимаи 14);
-муовини сардори шуъбаи ташкилию иттилоотӣ (замимаи 15);
-сармутахассиси шуъбаи ташкилию иттилоотӣ (замимаи 16);
-сармутахассиси шуъбаи ташкилию иттилоотӣ (замимаи 17);
-мутахассиси шуъбаи ташкилию иттилоотӣ (замимаи 18);
-сардори шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва назорат (замимаи 19);
-сармутахассиси шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва назорат (замимаи 20);
-мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва назорат (замимаи 21);
-мутахассиси шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва назорат (замимаи 22);
-сардори шуъбаи махзани маълумоти хизматчиёни давлатӣ (замимаи 23);
-сармутахассиси шуъбаи махзани маълумоти хизматчиёни давлатӣ (замимаи 24);
-мутахассиси пешбари шуъбаи махзани маълумоти хизматчиёни давлатӣ (замимаи 25);
-мутахассиси шуъбаи махзани маълумоти хизматчиёни давлатӣ (замимаи 26);
-сардори шуъбаи молия ва муҳосибот (замимаи 27);
-ёрдамчии директори Агентии хизмати давлати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (замимаи 28);
-сармутахассиси шуъбаи молия ва муҳосибот (замимаи 29);
-мутахассиси шуъбаи молия ва муҳосибот (замимаи 30);
-сардори шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (замимаи 31);
-сармутахассиси шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (замимаи 32);
-сармутахассиси шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (замимаи 33);
-мутахассиси пешбари шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (замимаи 34);
-сардори шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (замимаи 35);
-сармутахассиси шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (замимаи 36);
-сармутахассиси шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (замимаи 37);
-мутахассиси пешбари шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд (замимаи 38);
-сардори шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ( замимаи 39);
-сармутахассиси шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ( замимаи 40);

-сармутахассиси шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон (замимаи 41);

-мутахассиси пешбари шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон (замимаи 42);

-сардори шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (замимаи 43);

-сармутахассиси шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (замимаи 44);

-сармутахассиси шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (замимаи 45);

-мутахассиси пешбари шуъбаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дар шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (замимаи 46);

-мудири бахши минтақавии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон (замимаи 47);

-сармутахассиси бахши минтақавии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон (замимаи 48);

-мутахассиси бахши минтақавии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон (замимаи 49).

2.Нусхаи дастурамалҳои мансабӣ тибқи тартиби муқараргардида ба ҳар як хизматчии давлатӣ барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ва ба роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи хизматӣ супорида шавад.

3.Фаъолияти минбаъдаи хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастурамалҳои мансабии мазкур ба роҳ монда шавад.

4.Фармоиши директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2020, №135 «Дар бораи дастурамалҳои мансабии кормандони Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар қисми замимаҳои 1-22, 32-50 аз эътибор соқит дониста шавад.

Директори Агентӣ                                        Давлатов Ҷ.М.

Замимаи 4
Бо фармоиши директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «12» июни соли 2023, №129 тасдиқ карда шудааст

Дастурамали
мансабии сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқии
Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.Номи мансаб-сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи панҷум мансуб аст.

3.Сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-сармутахассиси шуъба-2) аз тарафи директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-директори Агентии хизмати давлатӣ) мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4.Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-сардори шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5.Дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси шуъба-2 иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба сармутахассиси шуъба-1 ва ҳангоми муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси шуъба-1 иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба сармутахассиси шуъба-2 вогузор карда мешаванд.

6.Сармутахассиси шуъба-2 бо воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Агентии хизмати давлатӣ), мақомоти марказӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳо (минбаъд-мақомоти давлатӣ) дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқаррargardida ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботи тахассусӣ

7.Барои ишғолкунандаи мансаби сармутахассиси шуъба-2 талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ;

-2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

-донистани Конститутсия, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси шуъба-2-ро ба танзим медароранд;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, забонҳои хориҷӣ;

-малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла кор карда тавонистан бо барномаҳои Microsoft Word, Excel, Power point;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ.

## 3.Уҳдадориҳои мансабии сармутахассиси шуъба-2

8.Нақшаи кории худро таҳия ва барои тасдиқ ба сардори шуъба пешниҳод, вобаста ба нақшаҳои кори шуъба ва Агентии хизмати давлатӣ таклиф пешниҳод менамояд.

9.Ҳолати мувофиқати мансабҳои давлатии мақомоти давлатиро ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат, таҳлил, ҷамъбаст ва пешниҳод менамояд.

10.Ба Нақша-ҷадвали курсҳои тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ барои соли навбатӣ вобаста ба масъалаҳои доираи вазифаҳо ва функсияҳои шуъба таклиф пешниҳод менамояд.

11.Лоиҳаи фармоишҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдоштаро таҳия, лоиҳаи фармоишҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз тарафи дигар воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳодкардашударо мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони шуъба баррасӣ намуда, хулосаи шуъба ё Агентии хизмати давлатиро омода менамояд.

12.Лоиҳаи тавсияҳои методии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти шуъба дахлдоштаро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони шуъба таҳия ва пешниҳод, лоиҳаҳои тавсияҳои методии омоданамудаи дигар воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатиро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо кормандони шуъба баррасӣ намуда, хулосаи шуъбаро омода менамояд.

13.Дар санҷиши фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ тибқи тартиби муқарраргардида иштирок ва аз натиҷаи санҷишҳо барои бартараф намудани камбудиҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ва/ё барои бекор кардани қарорҳои мақомоти

давлатӣ, ки бар хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ қабул карда шудаанд, санад (гузориш) пешниҳод менамояд.

14.Мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи тартиби муқарраргардида баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд.

15.Маводҳои дахлдори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода, аз рӯи тобеият ҷиҳати баррасӣ пешниҳод менамояд.

16.Котиби Комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросими Агентии хизмати давлатӣ буда, ҳар нимсола оид ба рафти иҷрои бандҳои дахлдори нақшаи кори Комиссияи мазкур ҳисобот пешниҳод менамояд.

17.Тибқи тартиби муқарраргардида комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Агентии хизмати давлатӣ ва мақомоти давлатии дахлдор иштирок ва уҳдадориҳои вогузоршударо иҷро менамояд.

18.Дар тарғиби хизмати давлатӣ, аз ҷумла тариқи воситаҳои ахбори омма иштирок мекунад.

19.Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва ҳангоми баҳогузории фаъолият дар мухлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

20.Дигар супоришҳои сардори шуъбаро тибқи тартиби муқарраргардида иҷро менамояд.

21.Сармутахассиси шуъба-2 ба ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо, гузоришҳо, пешниҳодҳо, хулосаҳо, санадҳо, лоиҳаи фармоишҳо, қарорҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии омоданамудаи худ, ки барои баррасӣ ба сардори шуъба ва роҳбарияти Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешаванд, имзо мекунад.

22.Сармутахассиси шуъба-2 дорои дигар уҳдадориҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 4.Ҳуқуқҳои сармутахассиси шуъба-2

23.Сармутахассиси шуъба-2 ҳуқуқҳои зерин дорад:

-дар ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба ва сармутахассиси шуъба -2 дахл доранд, иштирок намояд;

-оид ба такмили фаъолияти шуъба ва Агентии хизмати давлатӣ таклиф пешниҳод намояд;

-маводҳои дахлдори дар ихтиёри Агентии хизмати давлатӣ қарордоштаро омӯзад;

-аз воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ, мақомоти давлатии дахлдор маълумот ва маводи барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ва вазифаҳои шуъба зарурӣро бо тартиби муқарраргардида дархост карда гирад;

-аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шавад;

-оид ба такмили дастурамали мансабии худ таклиф пешниҳод намояд.

24.Сармутахассиси шуъба-2 дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5.Масъулияти сармутахассиси шуъба-2

25.Сармутахассиси шуъба-2 дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботе, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

-барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;

-барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва талаботи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ;

-барои ғайримақсаднок истифода бурдан, нобуд сохтан ё вайрон кардани моликияти давлатии вобастакардашуда;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

26.Сармутахассиси шуъба-2 барои иҷро накардан ва/ё ба таври дахлдор иҷро накардани Дастурамали мансабии мазкур тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

## 6.Муқаррароти хотимавӣ

27.Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва назорат нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи шуъбаи мазкур баъди бақайдгирӣ дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ бо гирифтани имзо ба сармутахассиси шуъба-2 супорида мешавад.

28.Ҳангоми тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти солона, ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва ё Агентии хизмати давлатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии сармутахассиси шуъба-2 мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 26
Бо фармоиши директори Агентии
хизмати давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «12» июни соли 2023,
№129 тасдиқ карда шудааст.

# Дастурамали
## мансабии мутахассиси шуъбаи махзани маълумоти хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

### 1.Муқаррароти умумӣ

1.Номи мансаб-мутахассиси шуъбаи махзани маълумоти хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи ҳафтум мансуб аст.

3.Мутахассиси шуъбаи махзани маълумоти хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-мутахассиси шуъба) аз тарафи директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-директори Агентии хизмати давлатӣ) мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4.Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори шуъбаи махзани маълумоти хизматчиёни давлатии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-сардори шуъба) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5.Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси пешбари шуъба ва ҳангоми муваққатан ҳозир набудани мутахассиси пешбари шуъба иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси шуъба вогузор карда мешаванд.

6.Мутахассиси шуъба бо воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Агентии хизмати давлатӣ) мақомоти марказӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳо (минбаъд-мақомоти давлатӣ) дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

### 2.Талаботи тахассусӣ

7.Барои ишғолкунандаи мансаби мутахассиси шуъба талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ;

-донистани Конститутсия, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, забонҳои хориҷӣ;

-малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла кор карда тавонистан бо барномаҳои Microsoft Word, Excel, Power point.

## 3.Уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъба

8.Нақшаи кории худро таҳия ва барои тасдиқ ба сардори шуъба пешниҳод, вобаста ба нақшаҳои кори шуъба ва Агентии хизмати давлатӣ ба сардори шуъба таклиф пешниҳод менамояд.

9.Масъули коргузории шуъба буда, якҷоя бо нозири сомонаи Агентии хизмати давлатӣ ба шуъба вобастакардашуда:

-ҳуҷҷатҳои воридотиро сари вақт ба қайд гирифта, ба сардори шуъба пешниҳод менамояд ва баъди гирифтани дастури хаттии сардори шуъба ба иҷрокунандагон расонидани маводи воридотиро таъмин менамояд;

-ҳуҷҷатҳои содиротии Агентии хизмати давлатиро сари вақт ба қайд гирифта, ирсол намудани онҳоро ба мақомоти давлатии дахлдор таъмин менамояд;

-оид ба гардиши ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва натиҷаи баррасии онҳо ба сардори шуъба ҳисоботи ҳарҳафтаина ва моҳона пешниҳод менамояд.

10.Дар якҷоягӣ бо сармутахассиси шуъба ҳисоботи омори давлатӣ дар бораи ҳайати миқдорӣ ва сифатии хизматчиёни давлатиро дар мухлатҳои муқарраргардида аз мақомоти давлатӣ дархост, таҳлил, ҷамъбаст ва пешниҳод менамояд.

11.Масъули пешбурди парвандаҳои шуъба буда, нигоҳдории ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротии шуъбаро дар парвандаҳои дахлдор тибқи феҳрист таъмин менамояд, барои дар шакли китоб дӯхтани маводи дар парвандаҳо ҷамъшуда ба сардори шуъба таклиф пешниҳод менамояд, нигоҳдорӣ ва тибқи санад ба бойгонии идоравии Агентии хизмати давлатӣ супоридани онҳоро таъмин карда, ҳуҷҷатҳоро барои аз эътибор соқитсозӣ омода менамояд.

12.Масъули почтаи электронии шуъба буда, қабули ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва ирсоли ҳуҷҷатҳои содиротиро ба воситаи почтаи электронӣ, дигар воситаҳои техникии алоқа таъмин менамояд.

13.Ба кор омадан ва аз кор рафтани кормандонро сабт намуда, табели ҳармоҳаи қайди рӯзҳои кории кормандони шуъбаро хонапурӣ менамояд.

14.Протоколҳои ҷаласаҳои машваратӣ, ҷамъбастӣ ва дигар чорабиниҳои фаъолияти шуъбаро тартиб медиҳад.

15.Тибқи тартиби муқарраргардида дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Агентии хизмати давлатӣ ва мақомоти давлатии дахлдор иштирок ва уҳдадориҳои вогузоршударо иҷро менамояд.

16.Дар тарғиби хизмати давлатӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма иштирок мекунад.

17.Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва ҳангоми баҳогузории фаъолият дар мухлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

18.Дигар супоришҳои сардори шуъбаро тибқи тартиби муқарраргардида иҷро менамояд.

19.Мутахассиси шуъба ба ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо, гузоришҳо, пешниҳодҳо, хулосаҳо, санадҳо, лоиҳаи фармоишҳо, қарорҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии омоданамудаи худ, ки барои баррасӣ ба сардори шуъба ва роҳбарияти Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешаванд, имзо мекунад.

20.Мутахассиси шуъба дорои дигар уҳдадориҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 4.Ҳуқуқҳои мутахассиси шуъба

21.Мутахассиси шуъба ҳуқуқҳои зерин дорад:

-дар ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти шуъба ва мутахассиси шуъба дахл доранд, иштирок намояд;

-маводҳои дахлдори дар ихтиёри Агентии хизмати давлатӣ қарордоштаро омӯзад;

-оид ба такмили фаъолияти шуъба ва Агентии хизмати давлатӣ таклиф пешниҳод намояд;

-аз воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ, мақомоти давлатии дахлдор маълумот ва маводи барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ва вазифаҳои шуъба зарурӣро бо тартиби муқарраргардида дархост карда, гирад;

-аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шавад;

-оид ба такмили дастурамали мансабии худ таклиф пешниҳод намояд.

22.Мутахассиси шуъба дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5.Масъулияти мутахассиси шуъба

23.Мутахассиси шуъба дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботе, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

-барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;

-барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар мухлатҳои муқарраргардида;

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва талаботи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ;

-барои ғайримақсаднок истифода бурдан, нобуд сохтан ё вайрон кардани моликияти давлатии вобастакардашуда;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

24.Мутахассиси шуъба барои иҷро накардан ва/ё ба таври дахлдор иҷро накардани Дастурамали мансабии мазкур тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

## 6.Муқаррароти хотимавӣ

25.Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва назорат нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи шуъбаи мазкур бо гирифтани имзо баъди бақайдгирӣ дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ ба мутахассиси шуъба супорида мешавад.

26.Ҳангоми тағйир ёфтани ухдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти солона, ҳангоми азнавташкилдиҳии шуъба ва /ё Агентии хизмати давлатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси шуъба мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 49
Бо фармоиши директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «12» июни соли 2023, №129 тасдиқ карда шудааст

Дастурамали
мансабии мутахассиси бахши минтақавии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон

1.Муқаррароти умумӣ

1.Номи мансаб-мутахассиси бахши минтақавии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон.

2.Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи ҳафтум мансуб аст.

3.Мутахассиси бахши минтақавии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон (минбаъд-мутахассиси бахш) аз тарафи директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-директори Агентии хизмати давлатӣ) мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4.Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба мудири бахши минтақавии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб (минбаъд-мудири бахш) тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5.Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мутахассиси бахш иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба сармутахассиси бахш ва ҳангоми муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси бахш иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба мутахассиси бахш вогузор карда мешавад.

6.Мутахассиси бахш бо воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Агентии хизмати давлатӣ), сохторҳои маҳаллии мақомоти марказӣ,мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҳудуди дахлдор (минбаъд-мақомоти давлатии ҳудуди дахлдор) дар доираи уҳдадориҳои мансабии худ тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

2.Талаботи тахассусӣ

7.Барои ишғолкунандаи мансаби мутахассиси бахш талаботи тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ;

-донистани Конститутсия, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мутахассиси бахшро ба танзим медароранд;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, забонҳои хориҷӣ;

-малакаи хуби муоширав, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла кор карда тавонистан бо барномаҳои Microsoft Word, Excel, Power point;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ.

## 3.Уҳдадориҳои мансабии мутахассиси бахш

8.Нақшаи кории худро таҳия ва барои тасдиқ ба мудири бахш пешниҳод, вобаста ба нақшаҳои кори бахш ва Агентии хизмати давлатӣ ба мудири бахш таклиф пешниҳод менамояд.

9.Масъули коргузории бахш буда,

-ҳуҷҷатҳои воридотиро сари вақт ба қайд гирифта, ба мудири бахш пешниҳод менамояд ва баъди гирифтани дастури хаттии мудири бахш ба иҷрокунандагон расонидани маводи воридотиро таъмин менамояд;

-ҳуҷҷатҳои содиротии Агентии хизмати давлатиро сари вақт ба қайд гирифта, ирсол намудани онҳоро таъмин менамояд;

-оид ба гардиши ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва натиҷаи баррасии онҳо ба мудири бахш ҳисоботи ҳарҳафтаина ва моҳона пешниҳод менамояд.

10.Масъули пешбурди парвандаҳои бахш буда, нигоҳдории ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротии бахшро дар парвандаҳои дахлдор тибқи феҳрист таъмин менамояд ва барои дар шакли китоб духтани маводи дар парвандаҳо ҷамъшуда ба мудири бахш таклиф пешниҳод менамояд, нигоҳдории минбаъда ва тибқи санад ба бойгонии идоравии Агентии хизмати давлатӣ супоридани онҳоро таъмин карда, ҳуҷҷатҳоро барои аз эътибор соқитсозӣ омода менамояд.

11.Дар озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти давлатӣ иштирок мекунад, рафти баргузории озмунҳоро ҳамоҳанг ва назорат менамояд, кумаки методӣ мерасонад ва аз натиҷаи иштирок ба мудири бахш гузориш пешниҳод менамояд.

12.Дар аттестатсияи хизматчиёни давлатии мақомоти давлатии ҳудуди дахлдор иштирок менамояд, кумаки методӣ мерасонад, рафти баргузории онҳоро назорат мекунад ва аз натиҷаи иштирок ба мудири бахш гузориш пешниҳод менамояд.

13.Мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи тартиби муқарраргардида баррасӣ намуда, ҷавоб омода менамояд.

14.Маводҳои дахлдори ҳуқуқвайронкунии маъмуриро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода, ба мудири бахш пешниҳод менамояд.

15.Тибқи тартиби муқарраргардида дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Агентии хизмати давлатӣ ва мақомоти давлатии дахлдор иштирок ва уҳдадориҳои вогузоршударо иҷро менамояд.

16.Протоколҳои ҷаласаҳои машваратӣ, ҷамъбастӣ ва дигар чорабиниҳои фаъолияти бахшро тартиб медиҳад.

17.Масъули масъалаҳои хоҷагидорӣ буда:

-ҳисоботҳои семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солона оид ба андоз аз даромад ва андози иҷтимоиро, ки аз ҷониби шуъбаи молия ва муҳосиботи Агентии хизмати давлатӣ таҳия мегардад, ба мақомоти дахлдор месупорад;

-истифодаи самараноку мақсадноки дороиҳо, захираҳо ва дигар воситаҳои асосии бахшро назорат мекунад, барӯйхатгирии онҳоро тибқи тартиби муқарраргардида мегузаронад ва натиҷаи онро пешниҳод менамояд;

-барои таъмини кормандони бахш бо таҷҳизоти корӣ, маводҳои хоҷагидорӣ ва конселярӣ ба мудири бахш дархост пешниҳод менамояд.

18.Масъули почтаи электронии бахш буда, қабули ҳуҷҷатҳои воридоти ва ирсоли ҳуҷҷатҳои содиротиро ба воситаи почтаи электронӣ, дигар воситаҳои техникии алоқа таъмин менамояд.

19.Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва ҳангоми баҳогузории фаъолият дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

20.Ба кор омадан ва аз кор рафтани кормандонро сабт намуда, табели қайди ҳармоҳаи рӯзҳои кории кормандони бахшро хонапурӣ менамояд.

21.Дигар супоришҳои мудири бахшро тибқи тартиби муқарраргардида иҷро менамояд.

22.Мутахассиси бахш ба ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо, гузоришҳо, пешниҳодҳо, хулосаҳо, санадҳо, лоиҳаи фармоишҳо, қарорҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии омоданамудаи худ, ки барои баррасӣ ба мудири бахш ва роҳбарияти Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешаванд, имзо мекунад.

23.Мутахассиси бахш дорои дигар уҳдадориҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 4.Ҳуқуқҳои мутахассиси бахш

24.Мутахассиси бахш ҳуқуқҳои зерин дорад:

-дар ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳо, ки ба фаъолияти бахш ва мутахассиси бахш дахл дорад, иштирок намояд;

-оид ба такмили фаъолияти бахш, Агентии хизмати давлатӣ ва соҳаи хизмати давлатӣ таклиф пешниҳод намояд;

-маводҳои дар ихтиёри бахш ва Агентии хизмати давлатӣ қарордоштаро омӯзад;

-аз воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатӣ, мақомоти давлатӣ ва ташкилоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ва вазифаҳои бахш заруриро бо тартиби муқарраргардида дархост карда гирад;

-аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ба такмили ихтисос фаро гирифта шавад;

-оид ба такмили дастурамали мансабии худ таклиф пешниҳод намояд.

25.Мутахассиси бахш дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

## 5.Масъулияти мутахассиси бахш

26.Мутахассиси бахш дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди парвандаи шахсии худ;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳо ва дигар талаботе, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд;

-барои риоя накардани муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ»;

-барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи молумулкӣ дар мухлатҳои муқарраргардида;

-барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва талаботи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ;

-барои ғайримақсаднок истифода бурдан, нобуд сохтан ё вайрон кардани моликияти давлатии вобастакардашуда;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

27.Мутахассиси бахш барои иҷро накардан ва/ё ба таври дахлдор иҷро накардани Дастурамали мансабии мазкур тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешавад.

## 6.Муқаррароти хотимавӣ

28.Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва назорат нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он аз тарафи шуъбаи мазкур баъди бақайдгирӣ дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ бо гирифтани имзо ба мутахассиси бахш супорида мешавад.

29.Ҳангоми тағйир ёфтани ухдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти солона, ҳангоми азнавташкилдиҳии бахш ва/ё Агентии хизмати давлатӣ ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мутахассиси бахш мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва тасдиқ карда мешавад.